**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, www.tgfeu.tj.)**

# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Ҳазратзода Темурҷон Ҳазрат дар мавзӯи «Мукаммалгардонии механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Гузариш аз иқтисоди бозорӣ дар асоси нақша ва идоракунии тамаркузшуда ва бунёдёфта ба иқтисоди сармоядорӣ дигаргуниҳои куллиро дар бахшҳои иқтисодӣ тақозо намуда, ислоҳоти ҷиддиро дар сохтори молияи давлатӣ, махсусан, дар бахши такмили идора ва танзими равобити байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб намуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти хусусиятҳои табиӣ, тақсимоти ҳудудии маъмурӣ, нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ, демографӣ, масоҳат, ҷойгиршавӣ ва дигар нишондиҳандаҳое, ки хусусиятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ доранд, аз якдигар фарқ мекунанд. Бинобар ин, масъалаи дастгирии молиявии буҷети маҳалҳо ва босамар истифоданамоии он муҳимтарин вазифа дар самти ислоҳоти равобити байнибуҷетӣ маҳсуб меёбад, ки дар ин низом ҷоринамоии принсипҳои расонидани кумаки объективии молиявӣ ва вижагиҳои таҳриккунандаи дастгирии молиявӣ нақши калидиро иҷро менамоянд.

Ҷиҳати расидан ба ин ҳадаф, роҳандозии кумакҳои молиявӣ ба минтақаҳо бо дарназардошти шохисҳои даромадҳои иқтидори андозӣ ва нишон додани хароҷоти маъмурӣ муҳим арзёбӣ мегардад, зеро истифода аз шохисҳои аслӣ, коҳишёбии таҳрики манфиро аз фаъолияти мақомотҳои ҳокимиятҳои дар маҳалҳо қарордошта дар асоси коҳиши асоснокнабудаи иқтидори андозӣ ва болоравии хароҷоти буҷетҳоро ба бор меоварад.

Ҳамин тариқ, мутавозинии буҷетҳо бояд дар асоси мувозинати ҳуқуқҳои буҷетӣ ба амал бароварда шаванд, айни замон, зимни ба самтҳо ҷудонамоии механизмҳои мувозиннамоии буҷет вобаста ба азхуднамоии маблағҳои буҷет маҳдуд карда мешавад, аз ин рӯ, ҷиҳати мувозингардонии иқтидори фискалии ҳар як манотиқ дар алоҳидагӣ сурат мегирад.

Дар ин автореферат унвонҷӯ сиёсати давлатро доир ба масоили таъсиси низоми буҷет бар асоси таъмини ягонагӣ, истифоданамоии усулҳои босамар фаъолиятнамоии онро мисол овардааст.

Бояд қайд намуд, ки дар баробари ҷиҳатҳои мусбат автореферати мазкур аз камбудӣ холӣ нест, аз ҷумла:

1. Муаллиф дар ҷадвали 2. Самтҳои арзёбии таъмини устувории буҷетҳои минтақавӣ ва маҳаллӣ ақидаи муаллифии худро пешниҳод намудааст. Хуб мешуд, ки оид ба масъалаи мазкур дар автореферат маълумоти нисбатан пурратар дарҷ мегардид.

Новобаста аз пешниҳоди ҷойдошта автореферати диссертатсияи тақризшаванда таҳлили худро ёфта, хулосаю пешниҳодҳо асоснок карда шуда, муаллиф мустақилона доир ба мукаммалгардонии механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ тавсияҳои методиро пешниҳод намудааст.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Ҳазратзода Темурҷон Ҳазрат дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар сатҳи баланди илмӣ иҷро гардида, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда:
Номзади илмҳои иқтисодӣ
дотсенти кафедраи кори бонкии
МДТ "Донишгоҳи далатии Хуҷанд
ба номи академик Б.Ғафуров" Қурбонова Ф.А

Имзои н.и.и., дотсент Қурбонова Ф.А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ "Донишгоҳи далатии Хуҷанд
ба номи академик Б.Ғафуров" Сайдуллозода З.С.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39; Факс:(83422) 6 75 18; Тел: (+992) 92 701-22-65
Почтаи электронӣ: firuza.1978@inbox.ru